ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУШОВИРОНИ РАЁСАТУ ШУЪБА ВА БАХШҲОИ МАОРИФ

Душанбе 2026

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-2 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Бедил Розиқов, Наврӯз Мирзозода, Исфандиёр Раҳматшоев, Сино Лутфуллозода

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Н.Ф. Абдурашитов, | мудири шуъбаи иноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. |
| Б. Ҳайдаров, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| М.Р. Маҳкамова, | омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идораи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. |

Барномаи таълими мазкур бо дарназардошти талаботи Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти кунунии соҳаи маориф ва таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷии равишҳои муосири методӣ, тақвияти нақши мушовир ҳамчун роҳнамо ва рушди малакаҳои касбии муошират, ҳамкорӣ, мушоҳида ва таҳлил таҳия гардидааст.

Дар барнома самтҳои асосии фаъолияти мушовирон ва панҷ принсипи асосии фаъолияти методии самаранок–равонӣ, муҳтавомандӣ, эътимоднокӣ, низоммандӣ ва ҳамкорӣ фаро гирифта шуда, таваҷҷуҳи махсус дар ташкили муҳити таълимии ба рушд нигаронида дода мешавад. Барнома тавозуни байни асосҳои назариявӣ ва амалиро фароҳам меорад, ки барои рушди салоҳиятҳои мушовирон асос мегардад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф тавсия мегардад.

# Мундариҷа

Пешгуфтор ........................................................................ 4

**Боби 1.** Муқаррароти умумӣ ........................................ 5

**Боби 2.** Мақсад ва вазифаҳои барнома ......................... 8

**Боби 3.** Сохтор ва муҳтавои барнома ........................... 8

Нақшаи мавзуии курс .................................................. 12

Адабиёт ва сарчашмаҳо................................................ 14

# Пешгуфтор

Барномаи мазкур бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Дар таҳияи он таҷрибаи барномаҳои таълимии ватанӣ ва байналмилалӣ, ислоҳоти муосир дар соҳаи маориф ва ниёзҳои воқеии мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф ба инобат гирифта шудаанд.

Таъмини муҳити босифати таълим, муносибати босалоҳият дар таълим, арзёбии сифати таҳсилот ва рушди салоҳиятҳои асосӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти мушовирон дар самти ҳамкорӣ бо муассисаи таълимӣ ба шумор рафта, маҳакаи асосии барномаро ташкил медиҳад.

Омӯзиш тибқи принсипи модулӣ ташкил шудааст ва бо таҳлили вазъи фаъолияти муассиса оғоз меёбад. Дар ҷараёни курс, иштирокчиён минтақаҳои мушкилотро муайян намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро тарҳрезӣ мекунанд ва стратегияи рушди муҳити таълимиро бо такя ба таҷрибаҳои миллӣ ва байналмилалӣ таҳия менамоянд.

Раванди омӯзиш бо ҷалби диққати асосӣ ба таҳлили амиқ, дарёфти масъалаҳои ҳалталаб, қабули қарорҳои самаранок ва рушди салоҳиятҳои умумӣ оғоз меёбад, ки ба рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд.

## Боби 1. Муқаррароти умумӣ

Барномаи мазкур ба баланд бардоштани сатҳи касбии мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф равона шудааст. Ҳадафи асосии он таҳкими салоҳиятҳои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф тавассути татбиқи усулҳои муосири таълим, муносибати босалоҳият дар таълим ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Барнома ба рушди малакаҳои амалии мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маорифа ташкили муҳити самараноки таълимӣ, таҳлили вазъи таълиму омӯзиш, банақшагирии корҳои методӣ ва татбиқи механизмҳои арзёбии сифати таҳсилот нигаронида шудааст. Таъмини муҳити мусоиди таълимӣ ва ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолияти мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф дар маркази омӯзиш қарор доранд.

## Боби 2. Мақсад ва вазифаҳои барнома

**Мақсади барнома.** Барнома ба рушди салоҳиятҳои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф равона шудааст. Он ба баланд бардоштани сифати таҳсилот тавассути беҳсозии муҳити таълим, методу усулҳои омӯзиши омӯзгорон ва ҳамкорӣ бо ҷомеа мусоидат мекунад. Ҳамчунин, мушовирон бо дарки тазодҳои муосири таҳсилот аз нигоҳи муносибати босалоҳият дар таълим рушди воситаҳои дастгирии методии омӯзгорон фаъолият намуда, муҳити таълимро ҳамчун воситаи асосии рушди иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ мешиносанд ва онро ҳамчун фарҳанги муассаҳои таълимӣ эҷод мекунанд.

### Вазифаҳои асосии барнома:

**Вазифаҳои асоси барномаи мазкур** аз он иборат, ки мушовир ба омӯзгор дастгирии методии саривақтӣ ва босамарро дар самтҳои зерин ба роҳ монад:

- ба омӯзгор нишон диҳад, ки аз шарҳ додан ба ташкили дарки маъно гузарад, аз интиқоли дониш ба эҷоди муҳите, ки ташаббус, тафаккур ва ҷалби шахсии хонандагонро дастгирӣ мекунад;
- дарк кунад, ки чӣ гуна технологияҳо ба сохтори дарс, дарки вазифаҳои таълим ва ҳамкории хонандагон бо муҳтаво таъсир мерасонанд, то на танҳо захираҳоро ворид, балки амалиёти рақамии маънодор ва устуворро ба роҳ монанд;
- шаклҳои гуногуни кор: машваратҳои инфиродӣ, шаклҳои дастаҷамъонаи ҳамкории касбӣ, аз қабили семинарҳо, коргоҳҳои эҷодӣ ва тренингҳоро омӯхта, дар раванди ҳамкорӣ бо омӯзгорон шакли корро вобаста ба ниёз, муҳит ва сатҳи ташаббускории омӯзгор интихоб намояд;
- дар асоси дастгирии самараноки методӣ воситаҳои мушаххас, аз қабили ҷадвалҳо, профилҳои омӯзгорон ва варақаҳои ташхисии барои тарҳрезӣ ва арзёбии фаъолияти методӣ зарурро истифода баранд.
- ҳамчун иштирокчиёни фаъол дар ташаккули фарҳанги муҳит саҳм гирад, фазои муколамаро ба вуҷуд орад, мушоҳидагари ҳассоси эҳтиёҷоти омӯзгорон ва муҳити таълим буда бо усули инсонмеҳвар, самарабахш ва ҳадафмандона амал намояд;
- муҳити таълимии мусоиду созгорро ҳамчун воситаи асосии рушди иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ дар назар дошта, онро ҳамчун фарҳанг эҷод кунад, то ки дар натиҷа хонандагон эҳсоси бехатарӣ ва худшиносӣ карда, беҳтар хонанд;
- вазъияти таълимиро ҳамчун унсури муҳити таълимӣ ба омӯзгор фаҳмонад, ки чӣ гуна вазъият таҳия мешавад

ва чаро он ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунад.

- монандӣ ва фарқият, кейс-стадӣ ва вазъияти таълимро дуруст фарқ карда, имкони ҳамгироии онҳоро бинад ва барои дар муҳтавоҳои (контекстҳои) гуногун истифода бурдани омӯзгорон кумак намояд;
- муносибати STEM-ро ҳамчун самти рушд ва дастгирии методӣ ба омӯзгорон нишон диҳад, ки чӣ гуна тавассути масъалаҳои воқеӣ, ҳамгироии фаннӣ ва тарҳрезӣ метавон вазъияти таълимро ба амалияи таълим ворид кард;
- принсип ва методҳои арзёбиро ба омӯзгор нишон диҳад, ки арзёбии ташаккулдиҳанда чӣ гуна метавонад қисми муҳити таълим гардад, чӣ гуна онро барои рушди салоҳиятҳои умумӣ истифода бурдан мумкин аст ва дар ин раванд нақши дастгирии методӣ чӣ гуна аст.

## Боби 3. Сохтор ва мазмуни барнома

Маҷмуи барномаи таълимӣ-методӣ таркибан инҳоро дар бар мегирад:

1) барномаи таълимӣ;
2) модулҳои таълимӣ;
3) роҳнамо барои тренер;
4) рӯнамоҳо (презентатсияҳо);
5) варақаҳои тақсимотӣ
6) вазифаҳо барои муайян намудани сатҳи ноилшавӣ ба натиҷаҳо

## Курс модулҳои зеринро дар бар мегирад:

**Модули 1.** Самтҳои нави фаъолияти методӣ.

Модули мазкур дарки тазодҳои муосири таҳсилот аз нигоҳи муносибати босалоҳият ва рушди воситаҳои дастгирии методии омӯзгоронро дар бар гирифта, дар маркази диққат фарқияти байни муҳити омӯзишу таълим,

механизмҳои ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, инчунин нақши мушовир дар тарҳрезии кори методии дорои мазмун ва равандҳои ташкили онро фаро мегирад.

Ҳамчунин дар модул муҳити рақамии таълим ҳамчун воқеияти нав, ки муассисаи таълимии муосир дар он фаъолият мекунад ва шаклҳои асосии фаъолияти мушовир баррасӣ мешаванд.

**Модули 2. Муҳити таълимӣ ҳамчун захираи рушд.**

Модул бо дарназардошти талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Модули мазкур ба фаъолияти мушовирон дар расонидани машавартҳо ба омӯзгорон дар самти муошират бо хонандагон эҷоди муҳити мусоид ва созгор дар муассисаи таълимӣ равона шудааст.

Модули мазкур ба мушовирон мефаҳмонад, ки онҳо ҳамчун иштирокчиёни фаъол дар ташаккули фарҳанги муҳит саҳм гиранд, фазои муколамаро ба вуҷуд оранд. Мушовир бояд мушоҳидагари ҳассоси эҳтиёҷоти омӯзгорон ва муҳити таълим бошад ва бо усули инсонмеҳвар, самарабахш ва ҳадафмандона амал намояд. Ин модул ба мушовирон кӯмак мекунад, ки муҳити таълимиро ҳамчун воситаи асосии рушди иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ дар назар дошта бошанд ва онро ҳамчун фарҳанг эҷод кунанд.

**Модули 3. Вазъияти таълимӣ ҳамчун воситаи дастгирии омӯзгорон.**

Ин модул ба ташаккули муносибатое равона гардидааст, ки муҳтавои фанниро бо рушди салоҳиятҳои умумӣ дар муҳити таълимӣ алоқаманд мекунанд. Дар он усулҳои амалии тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, ҳамгироии супоришҳои таҳқиқотӣ ва ба мушкилот

нигаронидашуда, истифодаи супоришҳои навъи кушода, инчунин татбиқи таҷрибаҳои STEM баррасӣ мешаванд.

Ин самтҳо имкон медиҳанд, ки раванди таълим ҳамчун ҷараёни таҳлил, асосноккунӣ, эҷодкорӣ ва фаъолияти муштараки хонандагон ташкил карда шавад. Ҳамзамон, модул ба рушди салоҳиятҳои касбии мушовирон мусоидат мекунад ва заминаи методиро барои татбиқи муносибатҳои инноватсионӣ дар таълими фанҳои мактабӣ барои омӯзгорон фароҳам месозад.

**Модули 4. Арзёбии ташакулдиҳанда ҳамчун воситаи рушд**

Дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият, вазифаи асосии мушовир дастгирии омӯзгорон дар самти азхудкунии муносибатҳои нави арзёбӣ мебошад, ки барои рушди хонандагон нигаронида шудааст. Мушовир вохӯриҳои методӣ, амалияҳо ва машваратҳоро ташкил мекунад, дар интихоби воситаҳои арзёбӣ, ки ба ҳадафҳои рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ, малакаҳои коммуникативӣ (муошират) ва кор дар гурӯҳ (4К+) мувофиқанд, кӯмак мерасонад.

Дар чунин модел арзёбӣ хусусияти назоратӣ не, балки рушддиҳанда ва ҳавасмандкунандаро мегирад. Он диққатро на танҳо ба натиҷа, балки ба раванди азхудкунии дониш низ равона мекунад. Методҳои арзёбии ташаккулдиҳанда — харитаҳои мушоҳида, хударзёбӣ, варақаҳои назоратӣ, дараҷа (шохис)- ҳои пешрафт — рушди таълимии хонандаро намоён ва идорашаванда мегардонанд. Робитаи мутақобилаи самаранок на танҳо воситаи дастгирӣ, балки асос барои ташкили муҳити таълимии боэътимод ва пешравии шахсии хонандагон мегардад.

**Сохтори модулҳои омӯзишӣ аз қисматҳои**

**зерин иборат аст:**

| **Қисматҳои модул** | **Мазмун ва мундариҷаи он** |
|---|---|
| **Натиҷаҳои интизоршаванда** | Чиро донистан муҳим аст. Чиро тавонистан муҳим аст? Саволҳои асосӣ барои баррасӣ, Натиҷаҳои таълим. |
| **«Аз мисолҳои сода оғоз мекунем»** | Супоришҳои одӣ барои оғози дарс, дар шакли тест, саволҳо барои баррасӣ. |
| **Пешгуфтор** | Мухтасар оид ба мазмуни мавзуъ ва зарурати омӯзиши он |
| **Мафҳумҳои асосӣ** | Шарҳи мафҳумҳои асосӣ, ки дар мавзуъ истифода шудаанд. |
| **Машғулияти якум:**<br>**1. Натиҷаҳои таълими қисмати якуми машғулият** | Натиҷаҳое, ки дар қисмати якуми машғулият шунавандагон ба кадом натиҷа ноил мешаванд. |
| **2. Чиро медонед ва мефаҳмед?** | Омодагӣ ба омӯзиши мавзуъ, чиро оид ба ин мавзуъ медонанд, санҷиши дониши шунавандагон. |
| **3. Чиро бояд донед? Варақаи иттилоотӣ** | Қисмати назариявӣ, амалӣ, корҳои гуруҳӣ, инфиродӣ, ки аз омӯзиши мундариҷаи мавзуъ, муҳиммият, қисмат ва шарҳи онҳо иборат аст. |
| **Ҷамъбаст ва хулосаҳои муҳим** | Хулосаи мухтасари мавзуъ, ки шунавандагон аз худ ё тасаввурот пайдо намуданд. |
| **Саволҳо барои робитаи мутақобила** | Саволҳо оид ба идеяҳои асосии мавзуъ, татбиқи мундариҷаи мавзуъ, дарки шахсӣ, самтҳо барои такмил, гузариш ба амал |
| **Варақаи худбаҳодиҳӣ** | Саволҳои тестӣ, иҷрои супоришҳо дар бораи дараҷаи |

| | |
|---|---|
| | азхудкунии мавзуъ, мулоҳизаронӣ |
| **Машғулиятҳои амалӣ** | Супоришҳо барои корҳои амалӣ оид ба мавзуъ, бо мақсади мустаҳкам кардани дониш, маҳорат ва малакаи шунавандагон |

## Нақшаи мавзуии курс

| Модул | Мавзуъ | Микдори соат |
|---|---|---|
| **Шарҳи умумии курс (2 соат)** | Шарҳи курс: мақсад, вазифа, хусусиятҳои методикаи таълим. Шарҳи сохтори модули таълимӣ. Ташкили курс: муҳити таълим, гурӯҳҳои корӣ, шиносоӣ. Ташхиси ибтидоӣ | 2 |
| **1. Самтҳои нави фаъолияти методӣ (14 соат)** | 1.1. Ислоҳот ва тазодҳои таҳсилоти муосир | 2 |
| | 1.2. Принсипҳо ва мантиқи муносибати босалоҳият дар таълим | 4 |
| | 1.3. Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгор ва мушовир | 4 |
| | 1.4. Намуд ва принсипҳои ташкили кори методӣ дар муассисаи таълимӣ ва ноҳия | 4 |
| **2. Муҳити таълим ҳамчун захираи рушд (12 соат)** | 2.1. Муҳити таълим — заминаи рушди шахсӣ ва касбӣ | 4 |
| | 2.2. Муҳити таълим ҳамчун омӯзгори сеюм: назария ва намунаҳо | 4 |
| | 2.3. Ташхиси муҳити муассисаи таълимӣ ва кор бо монеаҳо | 4 |

| | | |
|---|---|---|
| **3. Вазъияти таълимӣ ҳамчун воситаи дастгирии омӯзгорон (12 соат)** | 3.1. Вазъияти таълимӣ ҳамчун унсури муҳити таълим | 6 |
| | 3.2. Кейс-стадӣ ҳамчун шакли рушди тафаккур ва салоҳиятҳо | 2 |
| | 3.3. Муносибати STEAM дар таълим ва дастгирии методӣ | 4 |
| **4. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи рушд (6 соат)** | 4.1. Принсипҳои арзёбии ташаккулдиҳанда | 3 |
| | 4.2. Методҳои арзёбӣ барои рушди салоҳиятҳои калидӣ | 3 |
| **Ҷамъбасти курс (2 соат)** | Ман чӣ омӯхтам? Чӣ чиз барои ман нав буд? Кадом воситаҳоро омодаам истифода барам? Корти рефлексивӣ, варақаи рефлексивӣ, тестҳои интерактивӣ, арзёбии ҳамдигар ва худбаҳодиҳӣ. Варақаи назоратӣ. Рубрикаи худбаҳодиҳӣ: «Акнун ман метавонам...» | 2 |
| **Ҳамагӣ** | | **48 соат** |

## Адабиёт

## Аснодҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф


1. Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, Матбуот, 2003.
2. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; 2015.
3. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «1» августи соли 2015, №494).
4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526).
5. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014, №15/13 тасдиқ шудааст)
6. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, №2/3 тасдиқ шудааст.
7. Андрей Теслинов, Ирина Протасова — Образование по-взрослому. Дух андрагогики развития. Издательство: Юрайт, Москва, 2020. О подходах к обучению взрослых и созданию развивающей среды.
8. Беляев Г.Ю. Формирование термина «образовательная среда» в психолого-педагогической литературе конца XX – начала XXI века (Образовательная среда как предмет профессиональной деятельности педагога-воспитателя).–URL: http://dzd.rksmb.org/science/bel06.htm.
9. Брюс Мао и др. Третий учитель: 79 способов изменить обучение через дизайн. Cannon Design, VS Furniture, Bruce Mau Design, 2010, Торонто.

10. Джули Дирксен — Искусство обучать. Как сделать любое обучение нескучным и эффективным. Издательство: Манн, Иванов и Фербер, Москва, 2022. Практическое руководство по созданию увлекательного учебного процесса.
11. Дэйв Берджес — Обучение как приключение. Издательство: Питер, Санкт-Петербург, 2021. Мотивация и креативный подход к преподаванию.
12. Компетенции «4К»: средовые решения для школы. Практические рекомендации: учебно-методическое пособие / сост. М. А. Пинская, А.М. Михайлова. — М.: Российский учебник, 2020. — 95, [1] с.: ил.
13. Компетенции «4К»: формирование и оценка на уроке: Практические рекомендации / авт.-сост. М. А. Пинская, А. М. Михайлова. – М.: Корпорация «Российский учебник», 2019.
14. Кулюткин Ю., Тарасов С. Образовательная среда и развитие личности // Новые знания, 2001, № 1. URL: http:// www.znanie.org/gurnal/nl_01/obraz_sreda.html.
15. Леврик М., Линк П., Лейфер Л. Design Thinking. Методология проектного мышления. Альпина Паблишер, 2023, Москва.
16. Майкл Аллен — E-learning: Как сделать электронное обучение понятным, качественным и доступным. Издательство: Альпина Паблишер, Москва, 2024. Руководство по созданию эффективных онлайн-курсов.
17. Майкл Леврик, Патрик Линк, Ларри Лейфер — Design Thinking. Методология проектного мышления. Издательство: Альпина Паблишер, Москва, 2023. Подробное изложение методологии дизайн-мышления для решения образовательных задач.